# Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 29 August, 2019 - 18:16
[1]

29 август таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Точикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

Дар кори маҷлис нахуст Дар бораи ҳисоботи вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017 таҳти рақами 89 “Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасои масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020” вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Насим Олимзода гузориш дод.

Таъкид гардид, ки бо мақсади паст намудани шиддати паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ ва расондани хизматрасониҳои тиббию иҷтимоӣ ба ниёзмандон ин барномаи миллӣ қабул гардидааст.

Ҳадафи асосии Барнома дастрасии баробари аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифат оид ба пешгирӣ, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки барои иҷрои босифати Барнома чораҳои иловагӣ андешида шавад.

Сипас, аъзои Ҳукумати мамлакат лоиҳаҳои як қатор қонунҳо, аз ҷумла Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ”-ро муҳокима карда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карданд.

Дар кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо Дар бораи консепсияи рушди соҳаи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Дар бораи Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Дар бораи Барнома оид ба паст кардани сатҳи шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 ва Дар бораи таъсиси муассисаи давлатии “Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” муҳокима гардида, вобаста ба татбиқи онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Дар охир Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба иҷрои дастуру супоришҳои маҷлиси навбатӣ ҷалб карданд.

Сарвари давлат дастур доданд, ки аъзои ҳукумат ва роҳбарони сохторҳои давлатӣ ҷиҳати дар амал татбиқ кардани ҳадафҳои стратегӣ аз тамоми имкониятҳо истифода баранд.

Супориш дода шуд, ки ҷашни умумимиллӣ - 28 - умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар саросари кишвар ба таври бошукуҳ ва бо дастовардҳои арзанда ҷашн гирифта шавад.

Ҳамчунин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки барои истиқболи сазовори 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ иншооти таъиноти гуногуни дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ба нақша гирифташуда, сари вақт ва бо сифати баланд бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шаванд.

Дастурҳои дигар ба Ҳукумати мамлакат, роҳбарияти вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вобаста ба омодагии ҳамаи бахшҳо ба маъракаи зимистонгузаронӣ, кишти тирамоҳӣ ва вусъати корҳои ободонӣ, дода шуд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Суханрониҳо [3]
- Эълонҳо [4]
- Қонунгузорӣ [5]
- Қонунҳо [6]

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6582

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/styles/large/public/48641871391_5d1301231d_k.jpg?itok=_-IJP974 [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/22 [4] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/25 [5] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/17 [6] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/19